Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Тадқиқоти илмии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ оид ба исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бахшида шудааст, ки натиҷаҳои он дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ба кабул шудани қарорҳои қонунӣ, асоснок ва одилона мусоидат мекунад. Мебояд таъкид намуд, ки мавзуи тадқиқоти диссертатсионии дар шароити кунунӣ муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар тадқиқот қонуниятҳои раванди исботкунӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки раванди исботкуниро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба танзим медарорад, хамчунин, амалияи мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки уҳдадории исбот ба зиммаи онҳо вогузор шудааст, мавриди таҳлил карор додааст. Воқеан ҳам, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи мақомоте, ки фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро ба амал мебароранд, масъалаҳои баҳсноке ҷой доранд, ки ҳалли онҳо зарурати тадқиқоти илмии мазкурро ҳамчун мавзуи марказии назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ба миён овардааст. Бинобар ин, интихоби мавзуъ ва пайдарҳамии мантиқии тадқиқоти

масъалаҳои марбут ба исботнамоӣ мутобиқ ба ҳадафҳои тадқиқот мебошанд, ки натиҷаҳои он метавонанд ба риояи дақиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва амалияи тафтишотию судӣ такон бахшанд.

Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф дар доираи тадқиқот ба шарҳи моҳият ва мазмуни меърёҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби мурофиавии ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳоро пешбинӣ мекунананд, диққати махсус дода, нуқтаи назари олимон, ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷиро оид ба зинаҳои исбот, бо назардошти амалияи тафтишотию судӣ мавриди муҳокима ва таҳлили ҳуқуқӣ қарор додааст ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст.

Таҳлили маҷмуии масъалаҳои марбут ба раванди исбот ба муаллиф имконият додааст, ки аҳаммияти шаклҳои гуногуни даркнамоӣ аз қабили амалҳои мурофиавӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ преюдитсия, презумпсияро, ки ба ҳамдигар тавассути мавзуи умумии даркнамоӣ – ҳодисаи ҷиноят ба ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, дар алоқамандӣ муттаҳид шудаанд, дар доираи талаботи мурофиавии ҷиноятӣ шарҳу тавсир ва ҳадди истифодаи онҳоро дар раванди исбот, хусусан ҳангоми баҳодиҳӣ ба далелҳо муайян намояд. Хулосаҳои муаллифро оиди он, ки исботкунӣ шакли асосии раванди дарки ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, маҳсуб меёбад, ҷонибдорӣ мекунем. Чунки исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун шакли фаъолият танҳо бо хулосабарории мантиқӣ (фикрӣ, зеҳнӣ ё гносеологӣ) дар бораи воқеан ҷой доштан ё надоштани ҳолатҳои зуҳурот ё ҳодисаи гузашта маҳдуд намешавад, балки ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳоро дар бораи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят дар бар мегирад, ки тибқи қонун тавассути амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ таъмин мешавад (ҷиҳати праксеологӣ).

Пешниҳодҳои муаллиф, дар бораи он, ки «Исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун шакли фаъолияти ваколатдори давлатӣ, ки бо

мақсади муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ҷамъоварии далелҳо, санҷидан ва баҳодиҳиро дар бар гирифтааст; оиди тақвияти мақоми суд дар ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ чун иштирокчии фаъоли мурофиаи судии ҷиноятӣ; имконияти ҳимоятгар дар ҷамъоварии далелҳо; муқаррар карда шудани имкониятҳои айбдоркунандаи хусусӣ оиди пешниҳоди далелҳо; ғайр аз амалҳои тафтишӣ, имконияти татбиқи роҳу воситаҳои дигари мурофиавии ҷамъоварии далелҳо; хулосаҳо оиди таркиби баҳодиҳӣ ба далелҳо; аҳаммияти баҳодиҳӣ ба қобили қабул, мансуб, саҳеҳ ва кофӣ дониста шудани далелҳо; шарҳи васеи мавзуи исбот ё ҳолатҳое, ки бояд исбот шаванд, ҳарчанд аз назари муаллиф пешбарӣ, таҳлил ва асоснок шуда бошанд ҳам, бо фаҳмиши фарогир истифода шудани онҳо дар татбиқи ҳуқуқ ва раванди исбот, умуман дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муфид ва мубрам аст.

Баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф аз ҷиҳатҳои баҳснок холӣ нест. Масалан, “суд ба сифати иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад” пешбарӣ шудааст. Муаллиф мебоист (тибқи м.2 КМҶ ҶТ) дар пешбарӣ кардани ин пешниҳод, мебоист ба таъинот ва самти фаъолияти мурофиавии суд дар ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ афзалият диҳад.

Лекин, эроди баёншуда хусусияти лаҳзавӣ ва тавсиявӣ дошта, ягон андоза ҳам мазмун ва натиҷаҳои тадқиқотро коҳиш намедиҳад.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда автореферати диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон                                        Раҳматулоев А.Э.

**Имзои Раҳматулоев А.Э.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон                                        Бобоев А.Х.
10.12.2024

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (734025, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1, Тел.: +992 (3422) 2-38-11, Факс:+992 (3422) 2-51-70, Email: Info@tsulbp.tj, htpp://www.tsulbp.tj.